# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Гулистон Сафар дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи татбиқ ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим, раванди татбиқи онҳо дар донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистонро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсия вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим, раванди иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ, ба таври назариявию амалӣ асоснокнамоии шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон, талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили ихтисос ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, ҳамчунин оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, воситаҳои ҳалли проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи муосир, омӯхтани муносибатҳои умуминазариявӣ дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, санҷиши озмоишии самаранокии татбиқи талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ва арзёбии натиҷаҳои он шарҳу тавсиф шудаанд.

Арзишмандии кори диссертатсионии Сафарзода Гулистонро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни раванди амалишавии барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар дар муассисаҳои

таълимӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои таткиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки - таҳқиқоти мазкур ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф масъулияти роҳбарони тамоми зинаҳои таҳсилотро беш гардонида, онҳо метавонанд ҳамчун дастури назариявӣ ва методӣ дар семинару курсҳои омӯзишӣ мавриди истифода қарор гиранд; натиҷаву хулосаҳои таҳқиқот боиси бартарафсозии мушкилоту норасоиҳои дар раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор гашта, метавонанд масъулияти иҷрокунандагонро баланд бардоранд; натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои методии таҳияшударо метавон барои амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва инчунин дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба таври васеъ мавриди истифода бурд.

Дигар аз корҳои шоёне, ки муҳаққиқи ҷавон дар раванди таҳқиқот анҷом додааст, дар охири ҳар боб озмоишу пажӯҳиши амалӣ ва натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст кардааст. Дар хулоса диссертант масъалаҳои ба миёнгузоштаашро мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқ ва ҷиддӣ қарор дода, натиҷагирӣ менамояд ва роҷеъ ба муҳиммияти

ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ мебарорад.

Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносии
умумӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобоева Р.Н.

18.12.2023

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
Телефон: (+992) 92-888-0392; Почтаи электронӣ: rbabaeva@mail.ru

«Имзои Р.Н. Бобоеваро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э.